## Хулосаи роҳбари илмӣ

Ба рисолаи илмии Мавлонова Интизор Тоҷиддиновна

**Дар мавзӯи: «Ташаккулёбии қобилиятҳои коммуникативӣ-нутқии донишҷӯён дар раванди таълимоти касбӣ», барои дарёфти унвони илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.08 - Назария ва усулҳои таълимоти касбӣ.**

Дар назди диссертант вазифаи ҷиддии баррасӣ намудани раванди ташаккулёбии қобилиятҳои коммуникативӣ-нутқии донишҷӯён дар раванди омӯзиши забони англисӣ гузошта шуда буд. Мавлонова Интизор кӯшиш кард, ки тамоюли асосӣ ва дурнамои ташаккул ва рушди вазифаҳои педагогии донишҷӯёнро муайян созад. Дар асоси таҳлили методҳои мушаххаси педагогӣ омилҳои асосии раванди ташаккули қобилиятҳои коммуникативӣ-нутқии донишҷӯён аз тарафи диссертант муайян карда шуданд.

Муҳимияти амалии тадқиқот дар он аст, ки натиҷаи кори илмӣ боиси баланд шудани сатҳи рушди талабот ва ҳавасмандӣ ба омӯзиши забони англисӣ, сатҳи дониши омӯзгорони оянда, маҳорат ва малакаҳои забонӣ гардид.

Мавод ва хулосаҳое, ки Мавлонова И. гирифтаанд, барои беҳбудии иҷрои вазифаҳои донишҷӯён дар соҳаҳои зерин ва тавсияҳо истифода мешаванд:

1. Зимни такмили ҳавасмандии донишҷӯёни факултетҳои забони англисӣ ба мақсад мувофиқ аст хусусиятҳои зерини дидактикӣ муайян ва таъмин карда шаванд: самтгирӣ ба мазмун, сохтор ва функсияҳои фарҳанги забонӣ; амалисозии муносибатҳои фардикуннонидашуда ва гуногунҷабҳа дар заминаи таълими сезинаи забони англисӣ; амалисозии мониторинги ҳавасмандӣ дар асоси меъёрҳо ва сатҳҳои муайяншуда.

2. Ҳавасмандии донишҷӯён ба мақсад мувофиқ аст ҳамчун сифати мураккаби ҳамгирошудаи шахсият дарк карда шавад, ки сатҳи баланди азхудкунии донишҳо, маҳоратҳо, малакаҳои забонӣ, қобилиятҳои эҷодӣ ва

сатҳи баланди рушди соҳаҳои талаботию ҳавасмандона ва эҳсосотию арзиширо тақозо менамояд.

Ҳавасмандии донишҷӯён нимфунксионалӣ буда (он функсияҳои иртиботӣ, гносеологӣ, тарбиякунанда, рушддиҳанда, меъёрию танзимкунанда, рефлексию ислоҳсозӣ, арзёбию ташхискунанда ва пешбиникунандаро иҷро менамояд), дорои сохтори чормодула (талаботию ҳавасмандона, эҳсосотию арзишӣ, маърифатӣ ва фаъолиятӣ) мебошад.

3. Дар муассисаҳои таҳсилоти олии Ҷумҳурии Тоҷикистон муносибатҳои фардикунонидашуда ва гуногунҷабҳа дар раванди таълими забони англисӣ, ки ба ихтисоси донишҷӯён нигаронида шудаанд, самараноктар мебошанд. Бинобар ин, зарур аст аҳамияти шахсӣ, касбӣ ва ҷамъиятии донистани забонҳо нишон дода шуда, мазмуни курсҳои забонӣ бояд таълими забонҳоро дар самтҳои умумизабонӣ, дузабонӣ ва касбӣ дар бар гирад; бояд принсипҳои афзалиятнок муайян карда шаванд, имкониятҳои ҳамгиросозии байнифаннии курсҳои забономӯзӣ ва махсус, инчунин имкониятҳои дидактикии шаклҳо, методҳо ва воситаҳои таълими забони англисӣ ва мониторинг мушаххас ва истифода бурда шаванд; зимни интихоби сатҳи мураккабии мазмун, методҳои таълим, шаклҳои кори мустақилона, суръатнокии таълим бояд сатҳи ибтидоии омодагии забонии донишҷӯён, хусусиятҳои фардии онҳо (иҷтимоӣ, психологӣ, физиологӣ), шароити худинкишофдиҳии потенсиалии забондонӣ ба ҳисоб гирифта шаванд; бояд дифферентсиатсияи дохилии таълим, фардикунонӣ ва фарқгузории ташхис ва арзёбии низомӣ таъмин карда шаванд.

4. Мониторинги сифати ҳавасмандии донишҷӯён бояд: а) дар марҳилаҳои гуногуни таълим (ташхиси аввалия – ҷорӣ, мавзӯотӣ ва даврӣ – ҷамъбастӣ); б) дар ҷанбаҳои гуногун (ташхиси забонҳо, маҳоратҳо, малакаҳао, қобилиятҳои эҷодӣ, самтгирии арзишӣ, талаботҳо ва ҳавасмандиҳо); в) дар сатҳи гуногуни проблемавӣ (бозтавлид, эҷодиёт); г) дар шаклҳои гуногун (фардӣ – ҷуфтӣ – гурӯҳӣ – ҷабҳавӣ; бозӣ – практикум – мини-конфронс – озмун – кори мустақилона – корҳои илмию таҳқиқотии

донишҷӯён); бо методҳои гуногун (назорат – шифоҳӣ – хаттӣ, озмунӣ – графикӣ – барномарезишуда (компютерӣ), инчунин мушоҳида, мусоҳиба, мубоҳиса, муҳокима, тамрин) гузаронида шавад.

Қайд кардан ҷоиз аст, ки навгонӣ дар рисолаи илмии мазкур дар он ифода мешавад, ки бори аввал:

- муқаррароти назариявӣ дар бораи қоидаҳои ташаккулёббии қобилияти коммуникативӣ-нутқии донишҷӯён муайян карда шуданд;
- таҳлили ҳолати омӯзиши забони англисӣ дар муассисаҳои олии таълимии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида шуд;
- мундариҷаи таълимоти робитаи тарафайндошта оид ба омӯзиши забони англисӣ дар заминаи забони тоҷикӣ дар муассисаҳои олии таълимии касбии Тоҷикистон таҳия карда шуд;
- таъминоти технологӣ дар заминаи забони тоҷикӣ дар муассисаҳои олии таълимии касбии аз ҷониби донишҷӯён таҳия карда шуд;
- роҳҳои ташаккулёбии қобилияти коммуникативӣ-нутқии донишҷӯён дар зароити омӯзиши забони англисӣ дар заминаи забони тоҷикӣ муайян карда шуданд.

Вобаста ба кори илмии худ Мавлонова Интизор 8 мақолаи илмӣ ба табъ расондааст.

Натиҷаи кори диссертатсионӣ дар конфронсҳои илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ ва ҷаласаҳои кафедраи педагогикаи умумии ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ ва кафедраи педагогика ва психологияи Донишкадаи давлатии забонҳо ба номи Сотим Улуғзода мавриди баррасӣ карор гирифтаанд.

Ҳангоми таҳияи рисолаи илмӣ Мавлонова И. худро ҳамчун мутахассиси варзида, ки қодир аст аз иҷрои ҳамаи вазифаҳои дар наздаш гузошташуда барояд, нишон дод. Ба масъалаҳои ташаккулёбӣ ва рушди ҳавасманднамоии омӯзгорони оянда ба омӯзиши забони англисӣ даст зада, номбурда аз методҳои гуногуни илмӣ, аз он ҷумла маводи Statictica, фаровон истифода бурда, худро ҳамчун донандаи хуби забони англисӣ

нишон дод, ки метавонад дар фаъолияти худ методҳои муосири таълимиро истифода намояд.

Рисолаи илмии таълифнамудаи унвонҷӯ ба талаботи КОА ҶТ барои дарёфти унвони илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.08 - Назария ва усулҳои таълимоти касбӣ мувофиқат карда, Мавлонова Интизор барои дарёфти номзади илмҳои педагогӣ сазовор аст.

Роҳбари илмӣ, доктори илмҳои педагогӣ, профессор

Роҳбари Лоиҳаи «Рушди таҳсилоти олӣ»-и назди Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Авганов Самардин Саидович

**Нишонӣ:**

734021, ш. Душанбе, кӯчаи Нисормухаммад 13а

Телефон (+992 907) 775454

Факс (+992 372) 214605

Почтаи электронӣ: samdec26@yahoo.com

Имзои Авгонов С.С.-ро «тасдиқ мекунам»

Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси ВМИҶТ Расулзода Ф.